# *Тақриз*

***ба фишурдаи диссертатсияи Азизова Зарина дар мавзуи «Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)***

Диссертатсияи илмии Азизова Зарина ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносии муқоисавӣ, яъне ба омӯзиши муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст.

Омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳии тоҷикон, ки яке аз қадимтарин халқҳои ҷаҳон мебошанд, дар ҳалли масъалаҳои назариявии илми паремиология кӯмак карда метавонад. Дар баробари ин, чунин тадқиқоти муқоисавии забон таваҷҷӯҳи бештари забоншиносонро пеш аз ҳама ба худ мекашад, зеро омӯзиши ҳодисаҳои гуногуни забонӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳимме, ки дар назди забоншиносии муосир истодааст, имкониятҳои иловагӣ фароҳам меоварад.

Таҳқиқи муқоисавии сохтори грамматикии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати морфологӣ ва синтаксисӣ маҳсуб меёбад.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он аст, ки дар он бори аввал сохтори грамматикӣ – морфологӣ ва синтаксисии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди муқоиса қарор гирифта, хусусиятҳои фарққунанда ва шабеҳи онҳо инъикос гаштааст. Инчунин, сохтори таърихии грамматикии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва ошкор гардид, ки дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳои забонҳои мавриди муқоиса ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, пешояндҳо, ҳиссачаҳо хеле кам дида мешаванд.

Мақсади таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳлили муқоисавии сохтори грамматикии зарбулмасал ва мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

аз ҷиҳати морфологию синтаксисӣ ва муайян намудани изоморфизм ва алломорфизм дар онҳо мебошад.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ тахти унвони "Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D.КОА-036 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур маводи назарии забоншиносии муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикиро ғанӣ менамояд. Он ба илми забоншиносии муқоисавии муосири тоҷик маводе барои пажуҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни сохтори грамматикии зарбулмасалу мақолҳо мусоидат намуда, ҳамчун раҳнамои илмӣ хизмат менамояд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқ, ҳамчунин, аз он иборат аст, ки далелҳои асосноки пешниҳодшудаи пажуҳишгар оид ба сохтори грамматикии зарбулмасалу мақолҳо маводи арзишманди назариявӣ гашта метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мутахассисони соҳаи ҳам фразеология ва ҳам грамматика онро чун дастури таълимӣ истифода бурда метавонанд. Инчунин, мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонанд, ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ доир ба типологияи муқоисавии забонҳо, фразеология ва грамматика, инчунин натиҷаҳои тадқиқот дар ихтисосҳои равияи забоншиносӣ ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ҷиҳати навиштани корҳои хатми тахассусӣ, ҳамчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ истифода шаванд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои методологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, объект ва манбаъҳои таҳқиқот,

робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд.

Ҳар як боби диссертатсия ба пурраги ва муфассал таҳлил ва баррасӣ шуда, дар охир ҳар як боб хулосаҳои амики илмӣ бароварда шудааст. Хулоса дар 11 банд ва истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқоти анҷомпазируфта дар 8 қисмат ҷамъбаст гардидаанд.

Чӣ тавре, ки дар автореферат дарҷ гардидааст, мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар маърузаҳои конфренсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, конфренсияҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ба чоп расидаанд, инъикос шудааст.

Автореферати диссертатсияи Азизова Зарина "Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси ихтисос 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон: **Эгамназаров Ҳамза Ҳақназарович**
**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, н.Б.Ғафуров, маҳаллаи 120, хонаи 21, ҳуҷрои 35
тел.: (+992) 928755754
E-mail: hamzajon_19@mail.ru

Имзои номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири
кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳ.Ҳ. Эгамназаровро
тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон

**Мирпоччоев**
**Исматулло Ҳабибуллоевич**

"29" декабри 2023

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Хуҷанд, 17 мкр, бинои №1
www.tsulbp.tj
E-mail: tsulbp@rambler.ru
Тел: 83422 2-38-11